*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-012 назди*
*Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон*
*(Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734061, ш. Душанбе,*
*кӯчаи Деҳотӣ, ½, www/ddtt.tj)*

# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Мирзоалиев Абдурашид Абдунабиевич ба диссертатсияи Шералии Сайдалӣ дар мавзуи «Такмили механизми идоракунии бозори меҳнат дар шароити иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.14. – Иқтисодиёти меҳнат ва демография**

**1. Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.**

Таҳқиқот бо Шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти ҶТ мутобиқ гардонида шудааст. Объект, предмет ва навгониҳои диссертатсия ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.2.14.– Иқтисодиёти меҳнат ва демография мувофиқат мекунанд: 1. Асосҳои назариявӣ ва методологии иқтисодиёти меҳнат; назария ва консепсияҳои рушди муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ (назарияи шуғл, бозори меҳнат, идоракунии кормандон ва ғайра); 2. Захираҳои меҳнатӣ ҳамчун омили муҳимми рушди иқтисодӣ ва самаранокии иқтисодию иҷтимоии он; 6. Бозори меҳнат: сохтор ва бахшҳои он; шуғли аҳолӣ, бекорӣ (намуд ва шаклҳои асосӣ, оқибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ); 20. Таҷрибаи хориҷии танзими муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ ва дурнамои истифодаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**2. Мубрам будани мавзуи диссертатсия**

Такмили механизми идоракунии бозори меҳнат дар вилояти Хатлон дар шароити иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ гузариш аз бандшавии анъанавӣ ба ҷойҳои кории баландтехнологиро талаб мекунад.

Ин раванд мутобиқсозии захираҳои меҳнатиро ба талаботи бозори муосир ва саноатикунонии босуръат дар бар мегирад.

Устувории нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ва суръати пешрафти соҳаҳо мустақиман ба вазъи сохтории нерӯи корӣ ва таҳаввулоти бозори меҳнат алоқаманд аст.

Ин бахш ҳамчун меҳвари асосии низоми хоҷагидорӣ баромад карда, дурнамои рушди бахшҳои калидии истеҳсолиро муайян месозад. Дар шароити гузариш ба модели саноативу инноватсионӣ, раванди танзим ва идоракунии самарабахши захираҳои меҳнатӣ аҳамияти аввалиндараҷаи илмиву амалӣ пайдо мекунад. Таҳлили масъалаҳои танзими бозори меҳнат дар заминаи гузариш ба модели саноативу инноватсионӣ ҳамчун як самти кампажӯҳиш боқӣ монда, ин омил ба рушди мутавозини шуғли аҳолӣ таъсири манфӣ мерасонад.

Ин хӯрдагӣ ва номукаммалии таҳқиқот зарурати бозбинии заминаҳои назариявии идоракунии захираҳои меҳнатиро ба миён меорад. Аз ин рӯ, ҷустуҷӯ ва коркарди усулҳои наву алтернативии танзими бозори меҳнат дар шароити модернизатсияи технологӣ мубрамияти баланди илмиву амалӣ дорад.

Ба андешаи мо мушкилоти асосии бозори меҳнат дар вилояти Хатлон пеш аз ҳама: дар бартарияти бахши аграрӣ- ҳиссаи зиёди аҳолӣ дар соҳаи кишоварзӣ банд буда, вобастагии мавсимӣ ба кор дорад; норасоии мутахассисони техникӣ -камбудии кадрҳои баландихтисоси муҳандисӣ ва технологи барои корхонаҳои саноатии навтаъсис; муҳоҷирати меҳнатӣ- вобастагии қисми зиёди аҳолии қобили меҳнат ба муҳоҷирати беруна ва сатҳи рақамикунонӣ - суст ҷорӣ шудани технологияҳои иттилоотӣ дар мақомоти сҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва шуғл. Дар ин замина, мо бояд ба самтҳои асосии такмили идоракунии бозори меҳнат: саноатикунонии босуръат ва эҷоди ҷойҳои кори нав; рушди таҳсилоти инноватсионӣ ва бозомӯзӣ; рақамисозии инфрасохтори бозори меҳнат ва дастгирии соҳибкории инноватсионӣ таваҷҷуҳи хоса дошта бошем.

Дар шароити кунунии конъюнктураи иқтисодӣ, яке аз афзалиятҳои меҳварии сиёсати макро ва мезоиқтисодии ҷумҳурӣ дар заминаи танзими бозори меҳнат, ҷорӣ намудани механизми мукаммалу сохтории идоракунии он дар заминаи трансформатсияи индустриалӣ-инноватсионӣ ба шумор меравад. Нуктаҳои зикршуда мубрамияти баланди илмиву амалии таҳқиқи механизми танзими бозори меҳнати вилояти Хатлонро дар шароити модернизатсияи технологӣ исбот намуда, объективият ва саривақтӣ будани интихоби мавзуи таҳқиқоти мазкурро комилан асоснок мекунанд.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд**

Эътимоднокӣ ва асоснокии муқаррарот, хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар диссертатсия баёнгардида, ба таҳқиқоти принсипҳои бунёдии назарияи иқтисодии муосир, асарҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба масъалаҳои иқтисодиёти меҳнат, бозори меҳнат, дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ ва механизмҳои татбиқи он асос ёфтааст.

Таҳлили диссертатсияи тақризшаванда нишон дод, ки натиҷаҳое, ки дар он пешниҳод шудаанд, дорои унсурҳои навгонии илмӣ мебошанд:

**Навгонии илмии таҳқиқот** аз маҷмӯи коркардҳои назариявию методӣ ва тавсияҳои амалию сохторӣ иборат аст, ки ба модернизатсияи унсурҳои низоми танзими бозори меҳнати вилояти Хатлон дар шароити дефицити (камбуди) музмини ҷойҳои кории холӣ нигаронида шудаанд.

Ба сифати натиҷаҳои асосии илмии дорои навгонӣ, ки саҳми бевоситаи муаллифро инъикос менамоянд, инҳо пешниҳод мегарданд:

- **Мушаххасоти консептуалии мафҳуми «бозори меҳнат»:** мазмуни категорияи мазкури иқтисодӣ ҳамчун низоми мураккаби сохторӣ амиқтар карда шудааст, ки он муносибатҳои меҳнатиро дар шароити трансформатсияи индустриалӣ-инноватсионӣ тавассути абзорҳои таъмини мувозинати динамикии талаботу пешниҳод ва ҳаракати трансверсиалии қувваи корӣ фаро мегирад. Хусусиятҳои идоракунӣ ҳамчун детерминанти (омили тахрикбахши) рушди бозори меҳнат муайян гардида, механизми чорсатҳаи танзими соҳавӣ дар заминаи омезиши усулҳои мустақим ва ғайримустақими таъсиррасонӣ моделсозӣ ва асоснок карда шудааст.
- **Арзёбии аналитикии конъюнктура ва омилҳои детерминантии бозори меҳнат:** дар заминаи таҳқиқи ҳолати кунунии низоми идоракунии шуғли аҳолӣ, сатҳи пасти рақобатпазирии сифатии қувваи корӣ дар соҳаҳои иқтисодиёти минтақавӣ ошкор карда шудааст. Исбот гардид, ки дар бозори меҳнати вилояти Хатлон дисбаланси (номувофиқатии) сохторӣ миёни талабот ва пешниҳоди нерӯи корӣ дар шакли барзиёдии музмини ҳаҷми қувваи корӣ нисбат ба ғунҷоиши ҷойҳои кории холӣ мавҷуд аст. Муайян карда шуд, ки гузариш ба модели индустриалӣ-инноватсионӣ ҳамчун драйвери (омили таҳрикбахши) соҳаҳои нави фаъолият, ташаккули заминаҳои нави сохторӣ, модернизатсияи низоми таҳсилот, касбомӯзӣ ва такмили тахассусии мутобиқро талаб менамояд. Тавассути абзори таҳлили SWOT ва арзёбии бисёрсоҳавии омилҳои таъсиррасон, динамикаи афзояндаи бошуғлтаъминкунии аҳолӣ моделсозӣ карда шуд. Дар ин замина, таъсири макроомилҳо (тавассути векторҳои рушди иқтисоди миллии макросатҳ), мезоомилҳо (дар сатҳи индикаторҳои иқтисодиёти минтақавии вилоят) ва микроомилҳо (дар сатҳи субъектҳои хоҷагидорӣ) ба равандҳои бозори меҳнати вилояти Хатлон детерминатсия (муайян ва ҷудо) карда шудааст.
- **Консептуализатсияи механизми давлатии танзим ва амсиласозии сохтории бозори меҳнат:** асоснок карда шудааст, ки такмили механизми танзими давлатии бозори меҳнат ва самтҳои афзалиятноки сиёсати проактивии (фаъоли) шуғл дар вилояти Хатлон маҷмӯи синергетикии равандҳои детерминатсия, диверсификатсия, превентивӣ (пешгирикунанда) ва

ҳамоҳангсозии соҳавиро дар бар мегирад. Механизми танзими дусатҳаи бозори меҳнати минтақавӣ дар заминаи векторҳои рушди индустриалӣ-инноватсионӣ моделсозӣ шудааст. Консепсияи муаллифии детерминатсияи афзалиятҳо ва диспропорсияҳои (норасоиҳои) сохтории муносибатҳои субъектҳои бозори меҳнати вилояти Хатлон дар шароити модернизатсияи технологӣ коркард ва пешниҳод гардида, хусусиятҳои архитектоникаи шуғл ва бекорӣ (аз ҷумла параметрҳои сифатӣ, асимметрияи ҳудудӣ, динамикаи суръат, таносубҳои соҳавӣ ва трансформацияи шаклҳои нави бандгӣ) асоснок карда шудаанд.

- **Стратегиясозӣ ва амсиласозии (моделсозии) низоми идоракунии бозори меҳнат:** архитектоникаи стратегии такмили механизми калидии идоракунии бозори меҳнат дар сатҳи макро ва мезоиқтисодӣ бо тафсири муаллифӣ концептуализатсия карда шудааст. Исбот гардид, ки механизми фаъоли бозори меҳнати вилояти Хатлон гузариши марҳилавии эволютсиониро аз марҳилаи генезис (бунёд) ба марҳилаи динамикии рушди устувор талаб менамояд. Дар ин замина, амсилаи (модели) ташаккулёбӣ ва модернизатсияи сохтории низоми идоракунии захираҳои меҳнатӣ дар чорчӯбаи парадигмаи иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шудааст.

**4.Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда**

Мақсади асосии таҳқиқот аз коркарди асосҳои назариявию методӣ ва тавсияҳо ҷиҳати такмили механизми идоракунии бозори меҳнат дар шароити иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ иборат аст, ки он дар таъмини рушди стратегияи иқтисоди миллӣ таъсиргузор мебошад.

Аз ин ҷост, ки муаллиф барои ҳалли ҳадафи мазкур ва вазифаҳои дар диссертатсия гузошташуда, усулҳои гуногуни таҳқиқоти илмӣ, ба монанди усули системавию таркибӣ, сабабу натиҷа, абстрактсияи илмӣ, таҳлил ва синтез, индуксия ва дедуксия, усули омӯзиши омилҳо, экспертию таҳлилӣ, иқтисодию риёзӣ, иҷтимоӣ, алоқамандии хусусиятҳои миқдорию сифатӣ ва ғайраро истифода шудаанд, ки асоснокӣ ва мӯътамад будани хулосаю натиҷаҳои таҳқиқотро таъмин намудаанд.

**5.Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо**

Натиҷаҳои бадастовардаи таҳқиқоти илмиро барои ташаккул такмили механизми идоракунии бозори меҳнат дар шароити иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ дар фаъолияти мураттаби соҳаҳои маориф, тандурустӣ,

фарҳанг, илм, адабиёт, санъат ва варзиши ҷумҳурӣ истифода бурдан мумкин аст.

Натиҷаҳои таҳқиқот, ки аз ҷониби муаллиф пешниҳод шудаанд, метавонанд барои ба таври дақиқ ва объективӣ арзёбӣ намудани соҳаи иҷтимоӣ дар шароити иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ васеъ истифода шаванд.

Аҳамияти илмии таҳқиқот аз имкони татбиқи муқаррароти назариявии таҳияшуда, тавсияҳои методӣ ва амалӣ дар системаи такмили механизми идоракунии бозори меҳнат иборат аст.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар он дида мешавад, ки ҷанбаҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ барои рушди назарияи идоракунии бозори меҳнат ва устуворгардонии заминаҳои назариявӣ-методии низоми идоракунии бозори меҳнати вилояти Хатлон мусоидат менамояд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки хулосаю пешниҳодот ва тавсияҳои амалии дар диссертатсия овардашуда, барои такмили механизми идоракунии бозори меҳнати вилояти Хатлон, бо роҳи ҷорӣ намудани онҳо дар барномаҳои мусоидат ба шуғли аҳолӣ имкони истифодабарӣ доранд. Ба инобат гирифтани пешниҳодҳои муаллиф аз ҷониби Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар вилояти Хатлон имкон медиҳад, то самаранокии фаъолияти бозори меҳнати он таъмин карда шавад.

Хулосаҳо ва пешниҳодҳои асосие, ки дар диссертатсия оварда шудаанд, метавонанд дар раванди таълим барои омода намудани мутахассисони самти менеҷмент, инчунин дар курсҳои такмили ихтисоси роҳбарон, кормандон ва мутахассисони бахши иқтисод ва тиҷорат истифода шаванд.

**Сохтори кори диссертатсионӣ**

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, 9 зербоб, хулосаву пешниҳодҳои илмӣ ва тавсияҳои амалӣ, рӯйхати адабиёт ва интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия иборат аст. Диссертатсия 200 саҳифаи матни компютериро дар бар гирифта, аз 26 ҷадвал, 15 расм, 3 диаграмма ва феҳристи адабиёти истифодашуда бо шумораи 177 адад иборат аст.

Бояд зикр намуд, ки **дар муқаддима** мубрамии мавзуи диссертатсия, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барнома ва мавзуъҳои илмӣ асоснок карда шуда, мақсад, вазифаҳо, объекту предмет, фарзияи таҳқиқот муайян гардидаанд, навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявию амалии таҳқиқот, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, ҳамчунин сохтор ва ҳаҷми диссертатсия нишон дода шудааст.

**Боби аввал** – «Асосҳои назариявии идоракунии бозори меҳнат дар низоми иқтисодиёти индустриалӣ–инноватсионӣ» ба баррасии консептуалӣ ва таърихии қонуниятҳои рушди бозори меҳнат нигаронида шуда, моҳияти аслии сиёсати менеҷменти он кушода шудааст. Дар ин бахш заминаҳои методӣ ва хусусиятҳои фарққунандаи танзими захираҳои меҳнатӣ аз мавқеи модернизатсияи онҳо арзёбӣ гардида, роҳҳо ва имконоти татбиқи моделҳои муваффақи хориҷии ташкили бозори кор дар шароити вилояти Хатлон муайян ва асоснок карда шудаанд(саҳ.15-69).

Муаллиф барҳақ қайд менамояд, ки бозори меҳнат ҳамчун низоми мураккаби иқтисодӣ танзими муносибатҳои меҳнатӣ, таъмини мувозинати талаботу таклифот ба ҳаракати қувваи корӣ ва муносибатҳои ба он алоқамандро дар шароити иқтисодиёти индустриалӣ–инноватсионӣ фаро мегирад. Бозори меҳнати вилоят ва ё шаҳру ноҳия бошад, низомеро дар назар дорад, ки муносибатҳои алоҳидаи ҳуқуқӣ, сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодии байни талаботу таклифоти қувваи кории муайянро дар шароити гузаштан ба иқтисодиёти индустриалӣ–инноватсионӣ дар худ пурра таҷассум менамояд(саҳ.15).

Маврид ба зикр аст, ки консепсияи муосири менеҷменти бозори меҳнат на танҳо бо таъмини шуғли аҳолӣ ва коҳиши сатҳи бекорӣ маҳдуд мешавад, балки фароҳамсозии платформаи мусоидро барои мутобиқшавии фаврии қувваи корӣ ба дигаргуниҳои сохтории иқтисодиёт тақозо мекунад. Вобаста ба ин, бо назардошти трансформацияи динамикии шароити индустриалӣ–инноватсионӣ, зарурати такмили мунтазам ва модернизатсияи усулҳои идоракунии равандҳои шуғл ба миён меояд.

Аз рӯйи ақидаи муаллиф пас аз омӯзиш ва таҳқиқи сарчашмаҳои адабиёти илмӣ ва таълимӣ идоракунии бозори меҳнат - ҳамчун низоми мураккаби иҷтимоию иқтисодӣ дар шароити гузариш ба иқтисодиёти индустриалӣ–инноватсионӣ метавонад дар ду раванд, яъне аз як тараф, зернизоми танзими бозори меҳнат ва аз дигар тараф, ҳамчун зернизоми идоракунии соҳаи алоҳидаи иқтисодиёти миллӣ баромад мекунад. Вобаста ба нуктаҳои зикршуда, идоракунии бозори меҳнат масъалаи мубрам дониста шудааст(саҳ.18).

Сарчашмаҳои илмӣ ва таълифоти пажӯҳишгарони дохилию хориҷӣ — аз намояндагони мактабҳои классикии иқтисодӣ то соҳибназарони муосирро мавриди омӯзиш қарор дода, ба андешаи муаллиф роҳҳои ҳалли мушкилоти бозори кор ҳамеша мавқеъгириҳои гуногуни консептуалиро тақозо менамояд. Равандҳои меҳнатӣ дар ҳар як марҳалаи таърихӣ таҳти таъсири низоми амалкунандаи хоҷагидорӣ ва омилҳои эндогенӣ (дохилӣ) ва экзогенӣ (берунӣ) дучори трансформатсияи сифатӣ мегарданд, ки ин амр хусусият ва усулҳои идоракунии бозори меҳнатро ба куллӣ дигаргун месозад (саҳ.36).

Дар диссертатсия андешаи муаллиф хеле ҷолиб зикр шудааст,

идоракунии бозори меҳнати ҷумҳурӣ, вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он ҳамчун низоми мураккаби иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ки намудҳои мухталиф ва низоми усулҳои идоракуниро фаро мегирад, аз як тараф, зернизоми танзими бозори меҳнат ва тарафи дигар, зернизоми идоракунии соҳаҳои алоҳидаи иқтисоди минтақа баромад менамояд. Вобаста ба ин, идоракунии чунин низоми мураккаби иҷтимоию иқтисодӣ бояд бо назардошти қонуниятҳо ва хусусиятҳои рушди ҷумҳурӣ, вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он ба роҳ монда шавад(саҳ.44).

Арзёбии таҷрибаи байналмилалӣ шаҳодат медиҳад, ки сохтори менеҷменти бозори меҳнат дар кишварҳои гуногун дорои хусусиятҳои фарқкунанда ва унсурҳои хоси сохторист. Татбиқи ҷанбаҳои самарабахши ин моделҳои пешқадам дар шароити кунунии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он метавонад натиҷаҳои назарраси иқтисодӣ ба бор орад. Бо назардошти он ки мушкилоти меҳварии бозори кори вилояти Хатлон асимметрияи сохторӣ — яъне барзиёдии пешниҳоди қувваи корӣ нисбат ба талабот (ҷойҳои кории холӣ) — мебошад, адаптатсия ва роҳандозии усулҳои муваффақи хориҷӣ дар самти ҳавасмандкунии шуғл муҳимму сариватӣ арзёбӣ мешавад(саҳ.58).

Ба андешаи муаллиф қабул ва истифодаи таҷрибаи хориҷӣ оид ба идоракунии бозори меҳнат дар шароити минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус вилояти Хатлон, имконпазир аст, агар таҷрибаи мазкур бо назардошти вазъияти муносиби иҷтимоию иқтисодӣ ва хусусиятҳои алоҳидаи минтақаҳои ҷумҳурӣ мутобиқ гардонида шавад(саҳ.67).

**Боби дуюм** – «Ҳолати муосири идоракунии бозори меҳнат дар шароити иқтисодиёти индустриалӣ–инноватсионии вилояти Хатлон» ба таҳлили амиқи вазъияти воқеии шуғли аҳолӣ дар минтақа бахшида шудааст. Дар он динамикаи рушди иҷтимоию иқтисодии вилоят дар заминаи шиддати бекорӣ ва камбуди ҷойҳои кории холӣ мавриди пажӯҳиш қарор гирифта, омилҳои калидие, ки ба самаранокӣ ва маҳсулнокии фаъолияти бозори меҳнат таъсири бевосита мерасонанд, ошкору арзёбӣ гардидаанд(саҳ 70-120).

Бозорҳои меҳнати ҷумҳурӣ ва вилояти Хатлон дар шароити кунунӣ бо мушкилоти набудани талабот ба хатмкунандагон, бо иллати рақобатпазир набудани онҳо, номувофиқии таклифоти қувваи корӣ дар бозори меҳнат дучор гардидаанд. Инчунин миқдори хатмкунандагони бекор тамоюли мунтазами афзоишёбӣ дорад. Аз нигоҳи муаллиф, бо назардошти тағйир ёфтани вазъияти бозори меҳнат, бояд касбу ихтисосҳои нав дар макотиби таҳсилоти касбӣ ва олӣ ҷорӣ карда шаванд ва шумораи қабули довталабон ба ихтисосҳои талаботнадошта кам карда шаванд(саҳ.71).

Аҳз таҳлилҳо маълум мегардад, ки аҳолии вилояти Хатлон 35-36%-и аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил дода, афзоиши миёнасолонаи он ба 2,2% баробар аст. Аҳолии қобили меҳнат низ дар вилоят ҳамин ҳиссаи аҳолии қобили меҳнати сатҳи ҷумҳуриро ташкил медиҳад. Ҳиссаи назаррас доштани аҳолии вилоят аз он шаҳодат медиҳад, ки масъалаи рушди бозори меҳнат аз тариқи зиёд намудани ҷойҳои корӣ мубрам дониста мешавад(саҳ. 75).

Рақамҳои омори расмии вилояти Хатлон нишон медиҳанд, ки бозори меҳнати соҳаи саноат аз мавқеи таъмини шуғли назарраси захираҳои меҳнатӣ дар сатҳи лозимӣ рушд накардааст. Новобаста ба он ки дар тули солҳои 2018-2024 шумораи корхонаҳои саноатӣ дар вилоят 291 адад зиёд шудааст, аммо доираи фарогирӣ ба шуғл тамоюли маҳдудшавӣ дорад. Масалан, агарчи соли 2018 ба ҳисоби миёна дар як корхонаи саноатӣ 30 нафар корманд машғули кор буд, пас ин рақам дар соли 2024 ба 26 нафар расидааст, ки наздик ба 0,9 маротиба кам мебошад(саҳ.87).

Таҳлилу муқоисаи рақамҳои оморӣ нишон медиҳанд, ки номувофиқии талаботу таклифоти қувваи корӣ дар бозори меҳнат бо иллати мушкилоти норасоии ҷойҳои корӣ мушкилоти асосии бозори меҳнати вилояти Хатлон мебошад. Вобаста ба ҳолати ҷойдошта, таъсиси ҳар чи бештари ҷойҳои корӣ амри зарурӣ мебошад(саҳ.90).

Бояд зикр намуд, ки дар марҳалаи кунунӣ фаъолияти бозори меҳнати вилояти Хатлон таҳти таъсири маҷмӯи омилҳои мухталиф қарор дорад, ки динамикаи рушд ва ё ноустувории конъюнктураи онро муайян мекунанд. Таҳқиқи муназзами ин омилҳо ҷиҳати тарҳрезии самтҳои дурнамои сиёсати стратегии шуғли аҳолӣ дар минтақа аҳамияти калидӣ дорад. Дар ин замина, зери мафҳуми омилҳои таъсиррасон ба бозори меҳнати минтақавӣ он шароиту сабабҳои бунёдӣ фаҳмида мешаванд, ки боиси трансформатсияи таносуби талаботу пешниҳод ва дигаргуншавии арзиши қувваи корӣ мегарданд.

Омӯзишу таҳлили шароити ташаккулёбии бозори меҳнати вилояти Хатлон ба мо имкон дод, то хусусиятҳои ташаккулёбии бозори меҳнати ин минтақаи ҷумҳуриро муайян ва ошкор намоем. Ба ақидаи мо, дар шароити кунунӣ бозори меҳнати вилояти Хатлон дар марҳилаи ташаккулёбӣ қарор дорад. Вобаста ба ҳолати ҷойдошта, танзиму идоракунии бозори меҳнати ин минтақаи ҷумҳурӣ, на танҳо аз тариқи кор бо бекорони ба таври расмӣ ба қайд гирифташуда, инчунин бо роҳи андешидани чорабиниҳои гуногун бояд амалӣ карда шаванд(саҳ.117).

**Боби сеюм** – «Такмили механизми танзим ва идоракунии бозори меҳнат дар шароити иқтисодиёти индустриалӣ–инноватсионии вилояти Хатлон» ҷанбаҳои амалии ислоҳоти соҳаро фаро мегирад. Дар ин ҷо самтҳои алоҳидаи сиёсати давлатии танзими шуғл дар вилоят такмил ёфта, заминаҳои сохторӣ

барои таҳияи Консепсияи муосири бозори меҳнат дар шароити иқтисоди наву технологӣ муайян карда шудаанд. Инчунин, ҷиҳати беҳтарсозии механизми умумии идоракунии захираҳои инсонӣ дар низоми индустриалӣ-инноватсионӣ тавсияҳои мушаххаси илмию амалӣ коркард ва пешниҳод шудаанд(саҳ.121-170).

Муаллиф хеле ба маврид зикр менамояд, ки танзими давлатии бозори меҳнати минтақа низоми чорабиниҳои ҳуқуқӣ ва ташкилию иқтисодии давлатӣ мебошад, ки ба таъмини тавозуни талабот ва таклифоти қувваи корӣ, муайян намудани ҳаҷми муносиби музди меҳнат, таъмини ҳифзи иҷтимоии кормандон ва ҳуқуқи меҳнатии онҳо, таъмини шароити мусоиди бозтавлиди неруи инсонии рақобатпазир ва мақсаднок истифодабарии қувваи кории мавҷуда барои ба даст овардани самараи иқтисодию иҷтимоӣ равона шудааст(саҳ.121).

Дар низоми индустриалӣ–инноватсионӣ соҳаҳои калидӣ мавҷуданд, ки дорои потенсиали баланди ҷабби қувваи корӣ ва таъмини шуғли васеъ мебошанд. Бо назардошти имкониятҳои мавҷудаи минтақавӣ, роҳандозии барномаҳои мақсадноки давлатӣ дар бахши кишоварзӣ, инфрасохтори нақлиётию роҳсозӣ ва объектҳои сохтмонии соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ҳамчун фишанги асосии васеъ намудани бозори кор дар сатҳи вилоят хизмат мекунад.

Таҷрибаи байналмилалии кишварҳои соҳибиқтисоди бозории рушдёфта нишон медиҳад, ки модели самарабахши танзими бозори меҳнат дар натиҷаи ҳамгироии оптималии механизми назорати давлатӣ ва фишангҳои худтанзимкунии бозорӣ ба даст меояд(саҳ.127).

Дар шароити муосир пешбурди соҳаҳои ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ бе истифодаи техникаю технологияҳои муосири индустриалӣ ва инноватсионӣ ғайриимкон мебошад. Пешрафти имрӯзуояндаи иқтисодиёти ҷаҳонӣ ба рушди фаъолияти инноватсионӣ вобаста мебошад. Аз ин рӯ, тамоюли рушди иқтисодиёти кишварҳои алоҳида низ, чун унсури таркибдиҳандаи иқтисодиёти ҷаҳонӣ, аз фаъолияти инноватсионӣ вобаста мебошад(саҳ.137).

Таҳаввули иқтисоди индустриалӣ-инноватсионӣ боиси дар конъюнктураи бозори меҳнат ташаккул ёфтани категорияи нави иқтисодӣ — «потенсиали (неруи) инноватсионии меҳнат» мегардад. Ин мафҳум омодагӣ ва қобилияти сохтории қувваи кориро ҷиҳати коркард, лоиҳакашӣ ва татбиқи амалии технологияҳои наву инноватсионӣ ифода мекунад. Ин падида дар заминаи таҳкими сармояи инсонӣ, рушди донишҳои касбӣ ва тавлиди ғояҳои муосири захираҳои меҳнатӣ зуҳур намуда, устувории рақобатпазирии низоми хоҷагидориро дар сатҳҳои макро, мезо ва микроиқтисодӣ кафолат медиҳад. Дар шароити вилояти Хатлон, рушди неруи инноватсионии меҳнат ҳамчун

заминаи калидӣ барои боло бурдани сатҳи технологӣ ва модернизатсияи соҳаҳои мухталифи иқтисоди минтақавӣ хизмат менамояд(саҳ.143).

Интегратсияи технологияҳои рақамӣ ба сохтори бозори меҳнат боиси тавлиди ҷойҳои кории муосир ва пайдоиши ихтисосҳои наве мегардад, ки ба талаботи архитектоникаи иқтисоди инноватсионӣ-рақамӣ мутобиқанд. Ин раванд зарурати объективии азнавсозии низоми омодасозии захираҳои инсониро тақозо намуда, омода кардани кадрҳои дорои малакаҳои навро, ки ба конъюнктура ва сохтори тағйирёбандаи бозори меҳнати инноватсионӣ ҷавобгӯ мебошанд, ба миён меорад.

Дар низоми индустриалӣ-инноватсионии ҷумҳурӣ, алалхусус вилояти Хатлон, яке аз мушкилотҳои асосии низоми идоракунии бозори меҳнат дараҷаи нисбатан ғайриқаноатбахши ҷолибияти сармоягузории инфрасохтори иҷтимоию иқтисодии минтақа маҳсуб меёбад. Ҷой доштани ҳолати мазкур рушди ноустувори соҳаҳои иқтисодӣ, сифати нисбатан пасти захираҳои меҳнатӣ ва ихтисори шумораи онҳоро ба вуҷуд овардааст. Ҳалли мушкилоти мавҷуда амалкарди механизми воқеии ҷалби сармоягузориҳои давлатӣ ва хусусиро ба рушди бозори меҳнати вилоят талаб менамояд(саҳ.153)

Муаллиф зикр менамояд, ки низоми индустриалӣ-инноватсионии иқтисодиёти вилояти Хатлон ҳамчун низоми мураккаби иқтисодӣ танзим ва идоракунии мукаммалро талаб менамояд. Вобаста ба ин, такмили низоми идоракунии бозори меҳнати минтақа бояд дар заминаи амали мутақобилаи босамар ва муштараки механизми танзими давлатӣ ва бозорӣ ба роҳ монда шавад.

Трансформатсия ба самти модели индустриалӣ-инноватсионии хоҷагидорӣ боиси тавсеа ва тағйироти сохтории муносибатҳои соҳаи меҳнат мегардад. Натиҷаҳои таҳлил ва умумигардонии маводи таҳқиқотии дар диссертатсия ҷамъоваришуда шаҳодат медиҳанд, ки дар шароити ташаккули низоми нави муносибатҳои меҳнатӣ дар бозори кори минтақа, зарурати объективии модернизатсияи механизми менеҷменти он ба миён меояд. Ин ҳолат мутобиқсозии куллии сохтори идоракунии бозори меҳнати вилояти Хатлонро ба талаботи муосири муносибатҳои иқтисодию ҷамъиятӣ тақозо менамояд(саҳ.166).

Дар идомаи таҳқиқот самтҳои такмили механизми идоракунии бозори меҳнат дар шароити иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ (дар мисоли вилояти Хатлон) мушаххас нишон дода шудааст. Бояд зикр намуд, ки механизм дар воқеъ амал мекунад, танҳо онро ба шароити кунунӣ бояд такмил ва мутобиқ сохт. Дар ин радиф, ба инобат гирифтани хулосаву тавсияҳои муаллиф аз аҳамият холӣ нест.

**6.Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ**

Муқаррароту натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 12 мақолаи илмии муаллиф, аз ҷумла 8 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмии аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшаванда нашр гардидаанд. Ҳаҷми умумии корҳои илмии чопгардидаи муаллиф оид ба мавзуи диссертатсия 4,5 ҷ.ч.-ро ташкил медиҳад.

**7. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия**

Бояд қайд кард, ки автореферати диссертатсия мазмуну мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамояд. Диссертатсия ва автореферати он тибқи муқаррароти Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмият дароварда шудааст ва бо забони илмӣ дар сатҳи баланд иҷро шудааст.

**8. Эроду тавсияҳо барои беҳтар гардонидани сатҳи илмию назариявӣ ва амалии диссертатсия**

Ба сифати эроду тавсияҳо ба диссертатсияи тақризшаванда чунин нуктаҳоро қайд кардан мумкин аст:

**1.** Навгонии илмиро бояд мушаххас кард, зеро хеле васеъ ва таҳрирталаб аст;

**2.** Дар таҳқиқот усулҳои муосири идоракунии кормандон дар чорчӯбаи индустриалӣ–инноватсионӣ (расми 1.2.) нишон дода шудааст, аммо ба таври пурра асоснок карда нашудааст;

**3.** Истифодаи таҷрибаи хориҷӣ оид ба идоракунии бозори меҳнат, хусусан дар вилояти Хатлон зарур шуморида шудааст, аммо муаллиф мушаххас қайд накардааст, ки таҷрибаи кадом кишвар мутобиқ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон аст;

**4.** Муаллиф дар таҳқиқоти мазкур механизмҳои танзим дар самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ дар соҳаи мусоидати шуғли аҳолии вилояти Хатлонро дар расми 3.1. нишон додааст. Ба андешаи мо ин механизм бояд такмил дода шавад;

**5.** Вобаста ба ин, низоми дусатҳаи танзими бозори меҳнати вилояти Хатлон, ки дар чорчӯбаи индустриалӣ–инноватсионӣ амалкунанда мебошад, дар расми 3.2 оварда шудааст. Аммо муҳтавои ин низом пурра тавзеҳ дода нашудааст.

**6.** Яке аз омилҳои манфие, ки номувозинатии талаботу таклифоти қувваи кориро дар бозори меҳнат ба вуҷуд меорад, ҳамкории заифи соҳаи маориф ва бозори меҳнат мебошад. Андешаи муаллиф каме баҳсбарангез аст.

Аммо эроду тавсияҳои зикршуда ба сатҳи баланди илмию амалии таҳқиқоти мазкур таъсири манфӣ намерасонад ва метавонанд аз ҷониби муаллиф зимни таҳқиқоти минбаъда ба инобат гирифта шаванд.

**9. Хулосаи ҷамъбастӣ оид ба диссертатсия**

Пас аз баррасии диссертатсияи Шералии Сайдалӣ дар мавзуи «Такмили механизми идоракунии бозори меҳнат дар шароити иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.14. – Иқтисодиёти меҳнат ва демография мо ба хулосае омадем, ки он аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа ба талаботи бандҳои 32, 33, 34, 35 "Тартиби додани унвони илмӣ", ки аз 30 июни соли 2021, № 267, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй мебошад ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.14. – Иқтисодиёти меҳнат ва демография мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои иқтисодӣ,
дотсенти кафедраи менеҷмент,
маркетинг ва иқтисодиёти меҳнати
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Мирзоалиев А.А.

**Суроға:** 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри
Душанбе, кучаи Деҳотӣ ½, Донишгоҳи давлатии
тиҷорати Тоҷикистон.
**E-mail:** menejment_08@mail.ru
Телефон: +992(37) 234-83-46, (992) 934-44-41-45

Дурустии имзои д.и.и., дотсент Мирзоалиев А.А.- ро
тасдиқ менамоям.

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии
тиҷорати Тоҷикистон Пирзода С.С.

**Суроғаи муассиса:** 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри
Душанбе, кучаи Деҳотӣ ½, Донишгоҳи давлатии
тиҷорати Тоҷикистон.
**E-mail:** tguk.tj, Телефон: +992(37) 234-83-46, (992) 934-44-41-45